# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum Aestívum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

## Мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ

Таҳлили адабиёти илмии мавҷуда нишон медиҳанд, ки тағйирёбии иқлим ба инкишофи иқтисодиёт ва ҳаёти одамон хисоротӣ калонро пеш меорад. Интизорӣ меравад, ки тағйирёбии иқлим оқибатҳои ногувор дошта, ба захираҳои об, ба экосистемаҳо ва саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Тағйирёбии иқлим ба бехатарии озуқаворecho аҳолӣ таҳдид намуда, метавонад боиси сар задани як қатор душвориҳои ҷиддӣ дар сектори кишоварзӣ гардад, ки он ҳамаи намунаҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла дастрасӣ, истифода ва устувории маҳсулоти озуқаро фаро мегирад.

Барои қонеъ гардонданӣ чунин талабот системаҳои кишоварзӣ ва хӯрокворӣ бояд ба оқибатҳои номусоиди тағйироти иқлим мутобиқ гарданд. Барои таъмин намуданӣ бехатарии озуқаворӣ инсоният олимон оид ба интихоб ва таҳқиқи намунаҳои гуногуни зироатҳои ғаллагӣ аз коллексияи ҷаҳонии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии умумироссиягии растанипарварӣ ба номи Н.И. Вавилов гирифташуда, таҳқиқоти зарурӣ гузаронида истодаанд. Интихоб ва санҷиши шаклҳои нисбатан ояндадори гандум, ки ба минтақаҳои гуногуни табиӣ-иқлимӣ устуворанд, имкон медиҳанд то дар оянда намунаҳои навӣ серҳосил ва хушсифати ғалладона, ки гирифтани ҳосили баланду устуворро дар ҷумҳурӣ таъмин менамоянд, ҷорӣ карда шавад. Аммо, таҳқиқот оид ба омӯзиши хусусиятҳои нашъунамо, рушд ва ташаккули ҳосили намунаҳой гуногуни гандум аз коллексияи ҷаҳонӣ дар минтақаҳои гуногуни табиию иқлимии Тоҷикистон кам гузаронида шудааст. Истифодаи коллексия барои кори селексионӣ дар чунин кишвари кӯҳсор, мисли Тоҷикистон, хеле

фоиданок мебошад. Бинобар ин, ин масъалаҳои муҳим дар маркази таҳқиқоти рисолаи мазкур қарор доранд.

**Резмонова Қурбоной Шариповна** аз соли 2003 дар вазифаи коргузори кафедраи биологияи факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият намуда, соли 2004 ба шуъбаи ғоибонаи ихтисоси биологияи донишгоҳи номбурда дохил шуда, онро соли 2009 бо дипломи аъло хатм намудааст. Баъди хатми ихтисоси номбурда аз соли 2009 то 2015 дар вазифаҳои коргузори калони кафедраи биологияи умумӣ, котиби муовини ректор оид ба таҳсили ғоибона, коргузори калони факултети химия ва биология кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2015 баъди гузаштани озмун ҳамчун ассистент ба сафи омӯзгорони кафедраи биологияи умумӣ қабул гардидааст. Аз соли 2016 дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон» таҳти роҳбарии ман Абдуллоев Абдуманнон д.и.б., профессор ҳамчун роҳбари илмӣ ва д.и.к., профессор Партоев Қ мушовири илмӣ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиашро оғоз намудааст. Дар давоми иҷроиши корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ худро таҳқиқотчии фаъол нишон дода, барои амалӣ намудани мавзуи илмӣ ва мақсаду вазифаҳои диссертатсия корҳои зиёдеро дар озмоишгоҳ ва заминҳои таҷрибавӣ гузаронидааст.

Кори диссертатсионии **Резмонова Қурбоной Шарифовна** дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон» аз муқаддима, 5 боб, 21 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуӣ таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, обеъкт ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шуд.

**Дар боби якум** нисбат ба мавзуи илмӣ тавсири адабиёти муосир гузаронида шудааст. Таҳлили адабиёти гуногун аниқ месозанд, ки вобаста ба шароити парвариш ва хусусиятҳои навъҳои гандум, нишонаҳои арзишманди гандум, аз инкишоф, муҳлати расидани ҳосил, қади растаниҳо, миқдори донҳо дар хӯша, вазни 1000 дона, устуворӣ ба бемориҳо, маҳсулнокӣ ва ҳосилнокӣ, инчунин миқдори сафеда, оҳар (крахмал) ва ғайраҳо метавонанд дар доираи хеле васеъ тағйир ёбанд.

Хусусиятҳои сабзиш ва инкишофи намунаҳои гандуми мулоим; муқаррар кардани давраи нашъунамо, тавсифи аломатҳои генетикӣ, сохтори ҳосилнокии намунаҳои гандуми таҳқиқшаванда, нишондиҳандаҳои биокимиёвии тухми гандум, таъсири нурии маъданӣ (нитроаммофоска) ҳаматарафа омӯхта шавад.

**Дар боби дуюм** маълумот нисбат ба шароити иқлими шаҳри Бохтар, объектҳо ва усулҳои таҳқиқ ҷамъ оварда шуд. Дар боби мазкури дисссертатсия шароити иқлимии давраи таҳқиқ, таркиби кимиёвии хоки заминҳои таҷрибавӣ барои муайян намудани миқдори намакҳои маъданӣ, таснифи навъи «Ормон» ва намунаҳои таҳқиқшавандаи, интихоби қитъаҳо ва меъёри истифодаи нурии маъданӣ (нитроаммофоска) омӯхта шудааст.

**Дар боби сеюм** рафт ва натиҷаи корҳои таҳқиқотии иҷрошуда, ба монанди омӯзиши хусусиятҳои сабзиш, аломатҳои морфологӣ ва давраи нашъунамо, хусусиятҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ арзишманд, муайян кардани нишондиҳандаҳои биокимиёвии дон, таъсири нурии маъданӣ (нитроаммофоска) ба ҳосилнокии намунаҳои гандум дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон ва омӯзиши алоқамандии аломатҳо дар намунаҳои гандуми таҳқишаванда нисбат ба навъи гандуми назоратии «Ормон» хулосаҳо бароварда шудааст.

**Дар боби чорум** аз натиҷаи гирифтаи таҳқиқотӣ гузаронидашуда самаранокии парвариши намунаҳои таҳқиқшавнда бо истифодаи меъёрҳои гуногуни нурии маъдании нитроаммофоска дар шароити иқлимии шаҳри Бохтари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Дар **боби панҷуми** диссертатсия натиҷаҳои ба дастомадаи таҳқиқот баррасии шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаи асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар 14 конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияӣ Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum Aestívum* L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамали оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣи наздии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои биология,
профессор, узви вобастаи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Абдуллоев А.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Алишер Навои 11/6, ҳуҷраи 27.
Телефон: (+992) 918 -61-28-42. E-mail abdumanon@mail.ru
Имзои Абдуллоев Абдуманнонро тасдиқ мекунам:

Сардори шӯъбаи кадрҳои Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ Умарова Н.С.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Карамова , 27. Телефон: (+992) 918 -61-28-42,
E-mail abdumanon@mail.ru
31.01.2024